آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Овози тоҷик

Банӣ одам аъзои якдигаранд!

18 ноябри соли 2026 Чоршанбе № 92 (15311)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

МАРҲАЛАИ НАВ, ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ВА ЛОИҲАҲОИ ОЯНДАДОР ДАР МУНОСИБАТҲОИ �ӮЗБЕКИСТОН ВА УММОН

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Султони Уммон Ҳайсам бин Ториқ Ол Саид 16-17 ноябр бо сафари давлатӣ дар ин кишвар қарор дошт.



Ӯзбекистон ва Уммонро ҳазорҳо километр масофа аз ҳам ҷудо мекунад. Бо вуҷуди ин, решаҳои робитаҳои ду кишвар ба умқи қарнҳо мерасанд. Мероси илмии алломаҳои Моваруннаҳр, анъанаҳои меъмории Самарқанду Бухоро ва роҳҳои қадимаи тиҷоратӣ аз замонҳои пеш ин ду халқро бо ҳам пайванд додаанд. Имрӯз бошад, ин наздикии таърихӣ дар муколамаи сиёсӣ, сармоягузорӣ, тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои фарҳангӣ таҷассум меёбад.

17 ноябр дар қасри «Ал-Аълам»-и шаҳри Масқат мулоқоти роҳбари давлатамон бо Султони Уммон дар ҳайати маҳдуд, инчунин музокирот бо иштироки аъзои ҳайатҳои расмии ду кишвар баргузор гардид.

Дар оғози суҳбат роҳбари давлати мо ба Султон барои пазироии самимӣ ва таваҷҷуҳи баланд сипосгузорӣ намуда, роҳбар ва мардуми дӯсти Уммонро ба муносибати фарорасии ҷашн – Рӯзи миллии Уммон аз таҳти дил табрик гуфт.

Дар мулоқот масъалаҳои рушди минбаъдаи дӯстӣ ва робитаҳои гуногунҷанбаи байни ду мамлакат, инчунин ба марҳалаи сифатан нав баровардани ҳамкориҳо баррасӣ гардиданд.

Фаъол гардидани муколамаи сиёсӣ ва табодули байниидоравӣ, пайваста афзудани ҳаҷми мубодилаи мол ва сармоягузориҳо бо қаноатмандӣ таъкид гардид.

Дар арафаи сафари сатҳи олӣ дар Масқат ҷамъомади шашуми Комиссияи байниҳукуматӣ, инчунин як қатор чорабиниҳои соҳибкориву фарҳангӣ баргузор шуданд.

Роҳандозии парвозҳои мустақим байни пойтахтҳои ду кишвар аз моҳи июли соли ҷорӣ баланд арзёбӣ гардид.

Соҳаҳои савдо, сармоягузорӣ, нақлиёт ва логистика, энергетика ва электротехника, саноати кимиё ва кӯҳкорӣ, шаҳрсозӣ ва сайёҳӣ, кишоварзӣ, таҳқиқоти кайҳонӣ ва рақамикунонӣ ба сифати самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои амалӣ муайян гардиданд.

Бо мақсади пешбурди лоиҳаҳои муштарак ба масъалаи ду баробар зиёд намудани сармояи оинномавии Ширкати сармоягузории Ӯзбекистон – Уммон ва ба 500 миллион доллар расонидани он диққати махсус зоҳир карда шуд.

Ҳарчи зудтар ба роҳ мондани фаъолияти Фонди сармоягузории Осиёи Марказӣ ва Қафқоз, ки бо иштироки маблағҳои Уммон таъсис ёфтааст, муҳим арзёбӣ гардид.

Бо мақсади рушди минбаъдаи робитаҳои фарҳангиву башардӯстона ки дар шаҳри Масқат баргузор гардид, дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Султони Уммон Ҳайсам бин Ториқ Ол Саид маросими мубодилаи санадҳои дуҷониба баргузор шуд.

Бахусус, Созишнома дар бораи шарикии стратегӣ, ки миёни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Шоҳигарии Уммон имзо гардид, ба марҳалаи комилан нав бардоштани муносибатҳои дуҷониба нигаронида шуда, рушди ҳамкориро дар тамоми соҳаҳо пешбинӣ менамояд.

Инчунин, зимни маросим беш аз 30 санад мубодила карда шуданд, ки масъалаҳои озодкунии мутақобила бо раводид, кооператсияи саноатӣ, молия ва иқтисодиёт, тиҷорати имтиёзнок, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, гумрук, нақлиёт ва логистика, коммуникатсия ва технологияи иттилоотӣ, манзил ва шаҳрсозӣ, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, меҳнат ва захираҳои инсонӣ, таълим, фарҳанг ва варзиш, идоракунӣ ва хидмати давлатӣ, бойгонӣ ва дигар самтҳоро дар бар мегиранд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар доираи сафари давлатӣ ба Уммон ба намоишгоҳи баргузории ҳафтаҳои фарҳанг ва санъат, ташкили форуми ҷавонон, рақамикунонӣ ва таҳқиқи муштараки дастхатҳои нодир, инчунин барқарор намудани робитаҳои бародарӣ байни шаҳрҳои бостонӣ мувофиқи мақсад дониста шуд.

Зимни мулоқот роҷеъ ба масъалаҳои мубрами дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва минтақавӣ низ табодули афкор намуданд. Идомаи дастгирии мутақобила дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории исломӣ, Ҳаракати бетарафӣ, формати «Кишварҳои арабии Халиҷ – Осиёи Марказӣ» ва дигар ниҳодҳои бонуфуз муҳим арзёбӣ гардид.

Роҳбарони ду давлат дар бораи ба сатҳи шарикии стратегӣ бардоштани муносибатҳои Ӯзбекистон ва Уммон, ки бар дӯстии анъанавӣ ва эътимоди мутақобила асос ёфтаанд, қарори таърихӣ қабул карданд.

Бо мақсади таъмини иҷрои тавофуқҳои сатҳи олӣ, ҷонибҳо дар бораи қабули «харитаи роҳ» ва роҳандозии механизми Шӯрои ҳамоҳангсозӣ ба созиш расиданд.

Дар анҷоми музокирот Президенти Ӯзбекистон аз Султони Уммон даъват кард, ки ба кишвари мо бо сафари давлатӣ ташриф оварад.

Дар анҷоми музокироти сатҳи олӣ, Ҳайсам Ол Саид, аъзои ҳукуматҳо, намояндагони ширкатҳои пешбар, ниҳодҳои молиявӣ ва доираҳои соҳибкории ду мамлакат иштирок карданд.

Роҳбари давлат зимни суханронӣ изҳори боварӣ намуд, ки музокироти сатҳи олӣ бо Султони Уммон Ҳайсам бин Ториқ Ол Саид ва тавофуқҳои ҳосилшуда муносибатҳои дуҷонибаро ба марҳалаи сифатан нав мебароранд.

Таъкид гардид, ки соли ҷорӣ ҳаҷми савдои мутақобила ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, аммо иқтидори мавҷудаи иқтисодӣ ҳанӯз пурра истифода нашудааст. Дар робита ба ин, гуфта шуд, ки дар оянда наздик ба 1 миллиард доллар расонидани ҳаҷми мубодилаи мол чун ҳадаф муқаррар гардидааст.

Дар доираи ташриф бастаи лоиҳаҳои мушаххас бо арзиши умумии 5 миллиард доллар ташаккул дода шуд. Президент махсус таъкид кард, ки муҳим на шумораи созишҳо, балки натиҷаи амалии татбиқсозии онҳост.

Бо ин мақсад, саноати кооператсионӣ, нақлиёт ва логистика, шаҳрсозӣ ва сайёҳии муосир, азхудкунии захираҳои маъданӣ, инчунин молия ва технологияҳои рақамӣ ҳамчун панҷ самти афзалиятноки ҳамкорӣ пешниҳод гардиданд.

Бахусус, гуфта шуд, ки дар соҳаи электротехника ҷиҳати истеҳсоли муштараки кабел ва трансформатор бо ширкатҳои Уммон, инчунин содироти онҳо ба кишварҳои ҳамсоя тавофуқ ҳосил шудааст.

Дар самти нақлиёту логистика ба ҳам овардани имкониятҳои бандарҳои баҳрии Уммон ва мавқеи стратегии Ӯзбекистон дар Осиёи Марказӣ муҳим арзёбӣ гардид. Бунёди инфрасохтори логистикӣ дар шаҳри Суҳор, ташаккули платформаи ягонаи савдою логистика, инчунин, зиёд намудани парвозҳои ҳавоӣ ва роҳандозии хатсайрҳои боркашонӣ пешниҳод шуданд.

Иштироки сармоягузорони Уммон дар лоиҳаи Тошканди Нав эътироф гардид. Изҳори итминон карда шуд, ки мавзеи «Масқат», ки дар шаҳри нав сохта мешавад, ба рамзи воқеии дӯстии ду халқ табдил хоҳад ёфт.

Таъкид гардид, ки дар соҳаҳои саноати кимиё, корҳои иктишофи геологӣ ва коркарди амиқи захираҳои маъданӣ лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ таҳия шудаанд.

Ҳамкориҳои амалӣ дар самтҳои молия ва технологияҳои рақамӣ низ густариш меёбанд. Аз ҷумла, бобати таъсис додани корхонаи муштарак оид ба партоби моҳвораҳо корҳо идома доранд.

Президент аз соҳибкорони уммонӣ даъват кард, ки дар лоиҳаҳои оянда дори Ӯзбекистон фаъол иштирок намоянд ва омодагии худро барои фароҳам овардани муҳити мусоиду боэътимод баҳри ҳар як сармоягузор, инчунин ҷиҳати дастгирии ҳамаҷонибаи татбиқсозии ташаббусҳои муштарак баён кард.

Ҳамзамон, имкониятҳои бузурге, ки дар Уммон барои соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ фароҳам шудаанд, эътироф гардида, аз ширкатҳои ӯзбекистонӣ даъват шуд, ки ба бозори ин мамлакат фаъол ворид шаванд.

Бо эътимод гуфта шуд, ки ин форум барои бо мазмуни нави амалӣ ғанӣ гардонидани шарикии иқтисодӣ ва сармоягузории ду мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Бо ҳамин сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Шоҳигарии Уммон анҷом ёфт.

Меҳмони олимақомро дар Фурудгоҳи байналмилалии Масқат Султони Уммон Ҳайсам бин Ториқ Ол Саид гусел намуд.

Бо як суҳан, сафари давлатии Президенти Ӯзбекистон ба Уммон муносибатҳои ду кишварро аз лиҳози сифат ба сатҳи комилан нав, ба дараҷаи шарикии стратегӣ баровард. Мулоқоти бонизоми сиёсӣ бо беш аз 30 санади муҳим таҳким ёфта, дар соҳаи иқтисод бошад, бастаи лоиҳаҳои оянда дори сармоягузорӣ ба маблағи 5 миллиард доллар ташаккул дода шуд.

Инчунин, дар самти густариши минбаъдаи робитаҳои нақлиётӣ, сайёҳӣ ва фарҳангӣ мувофиқаҳои мушаххас ба даст омаданд. Ин сафари таърихӣ ба муносибатҳо, ки бар пояи эътимоди дуҷониба сурат мегиранд, такони бузурги сиёсӣ бахшида, барои ба натиҷаҳои бузурги амалӣ табдил додани нақшаҳо чун марҳалаи ҳалкунанда хидмат менамояд. Зеро, қаробати таърихӣ пойдевори устувори дӯстии мо бошанд, мулоқоти сатҳи олӣ дар Масқат ва лоиҳаҳои муштарак самарабахшии минбаъдаи ин шарикиро муайян хоҳад кард.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Мусоҳибаи мо

ҚЎҚАНД: ДИРЎЗ, ИМРЎЗ ВА ФАРДО

Шаҳри бостонии Қӯқанд дар гузашта бо номҳои Ҳавоканд ва Хӯқанди латиф низ маъруфу машҳур гаштааст ва мардумаш бофарҳангу меҳмоннавоз мебошанд. Маҳз бо ташаббуси Президенти мамлакат муҳтарам Шавкат Мирзиёев ин шаҳр рушду нумӯъ карда, намои он комилан ҷилои нав касб намудааст. Мухбири мо бо ҳокими шаҳри Қӯқанд Маъруфҷон УСМОНОВ дар робита бо ҳамин дигаргуниҳо суҳбате оростааст, ки муҳтавои онро пешкаши муштарӣ мегардонем.



– Шаҳри Қӯқанд дар Роҳи бузурги абрешим ҷойгир аст ва дар муддати хеле кӯтоҳ тағйироти куллиро паси сар намуд. Шумо инро чӣ гуна шарҳу тавзеҳ медиҳед?

Дарҳақиқат, 5-6 соли охир барои шаҳри мо давраи дигаргуниҳои куллӣ маҳсуб меёбад ва ин бесабаб нест. Пеш аз ҳама, ин гуна таҳаввулот аз таваҷҷуҳи махсуси Президент вобаста аст. Вазифаҳое, ки ҳангоми сафар ба вилояти Фарғона аз тарафи он кас гузошта шуданд ва дастурҳое, ки беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолиро дар меҳвар қарор додаанд, боис гардиданд, ки мо ба чунин натиҷаҳои амалии мушаххас ноил шавем.

Сохтмони маҷмааи «Ӯзбекистони нав», аз нав ба кор андохтани майдони ҳавоии Қӯқанд, сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ ва таъмиру тармими муассисаҳои мавҷуда тағйироти муҳим дар ҳаёти шаҳр гардиданд. Навсозии роҳҳо ва шабакаҳои муҳандисӣ-коммуникатсионӣ, илова бар фароҳам овардани қулайӣ барои аҳолӣ, инчунин барои рушди соҳибкорӣ, тиҷорат ва сайёҳӣ хизмат мекунад.

Таъсиси Фестивали байналмилалии ҳунармандӣ дар Қӯқанд бо ташаббуси Президенти мо саҳифаи наверо дар таърихи шаҳр боз кард. Фестивал ҳунармандон, мутахассисони соҳа ва сайёҳонро аз кишварҳои гуногун муттаҳид намуд ва барои обрӯи байналмилалӣ ва аҳамияти фарҳангии Қӯқанд мусоидат кард. Шинохти шаҳри мо ҳамчун «Шаҳри ҷаҳонии ҳунармандон» домани тавҷӯҳро ба ҳунарҳои миллии мо боз ҳам фарохтар гардонид.

Имрӯз Қӯқанд ҳамчун шаҳри муосир рушд мекунад ва ҳамзамон таърихи ғанӣ ва симои миллии худро нигоҳ медорад.

(Давомаш дар саҳ.2).

ДАР АНТАЛИЯ МАСОИЛИ МУБОРИЗА БО ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

Дар шаҳри Анталияи Туркия дар доираи сессияи 31-уми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP31) ҷамъомади парламентии Иттиҳоди байнипарлумонӣ баргузор мегардад.

Дар ин чорабинӣ ҳайати Олий Маҷлиси Ӯзбекистонро раиси Кумитаи Сенат оид ба масъалаҳои аграрӣ, хоҷагии об ва экология Анвар Тӯйчиев ва узви Кумитаи Сенат оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ ва сайёҳӣ Ҷамила Бобаназарова намояндагӣ мекунанд.

Дар ҷаласа ба масъалаҳои татбиқи уҳдадориҳои глобалии иқлимӣ дар қонунгузории миллӣ, таъмини натиҷаҳои амалӣ дар мубориза бо тағйирёбии иқлим ва тақвияти нақши парлумонҳо дар ин раванд таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Аз ҷумла, масъалаҳои баланд бардоштани масъулият ва нақши роҳбарии парлумонҳо дар сиёсати иқлимӣ, таҳкими эътимоди ҷомеа ба қарорҳои қабулшаванда, рушди ҳамкориҳои байнипарлумонӣ ва такмили қонунгузории миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Сенатор А. Тӯйчиев зимни суханронӣ дар семинари доираи ҷаласа ба истифодаи дастовардҳои илму техника дар мубориза бо тағйирёбии иқлим, қабули қарорҳои сиёсӣ дар асоси далелҳои илмӣ ва ташаккули сиёсати муассири иқлимӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Ҳамчунин, дар семинар оид ба коҳиш додани ҳаҷми партовҳо, истифодаи оқилонаи захираҳо, ҷорӣ намудани принсипи «Партовҳои сифр», рушди иқтисодиёти даврӣ ва андешидани тадбирҳои зарурӣ барои кам кардани партовҳои метан табодули афкор сурат гирифт.

Хидмати матбуоти Сенати Олий Маҷлис.

«ҲАФТАИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ» ИДОМА ДОРАД

Имрӯзҳо дар саросари мамлакат ба муносибати 16 ноябр – Рӯзи байналмилалии таҳаммулпазирӣ «Ҳафтаи таҳаммулпазирӣ» идома дорад.

Чорабиниҳои гуногуни маънавию маърифатӣ ва конфронсҳои илмиву амалӣ, ки дар доираи ҳафта баргузор хоҳанд шуд, 16 ноябр бо маросими бошукӯҳи гулчанбаргузорӣ дар пояи муҷассамаи Истиқлол, воқеъ дар боғи «Ӯзбекистони Нав»-и шаҳри Тошканд оғоз ёфтанд.

Дар маросим роҳбарият ва кормандони Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзии мамлакат, Кумитаи корҳои динӣ, фаъолони марказҳои милливу фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дӯстӣ, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ, ҷавонон ва вакилони ҷамъиятӣ иштирок карданд.

– Иштирокдорони маросим дар назди пояи муҷассамаи Истиқлол, ки бо ташаббуси Президент бунёд шудааст, гулчанбар гузошта, ба шуҳоат ва меҳнати созандаи халқи мо дар роҳи озодӣ ва ободии кишвар арҷ гузоштанд, – иброз дошт роҳбари Хидмати матбуоти кумита Озодбек Қувондиқов. – Дар идома иштирокдорон дар доираи лоиҳаи умуммиллии «Макони сабз» ниҳол шинонданд. Ин иқдом намояндагони миллатҳои гуногунро дар роҳи мақсади муштарак – ҳифзи муҳити зист ва васеъ намудани минтақаҳои сабз муттаҳид кард.

***

Дар чорабиние, ки дар Кумитаи корҳои динӣ баргузор гардид, як гурӯҳ олимони барҷастаи дин, намояндагони ташкилотҳо, фаъолони марказҳои милливу фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дӯстӣ барои фаъолияти ибратбахш дар самти тарғиби ислоҳоти соҳаи дин ва маърифат, таҳкими ҳамбастагии байнидинӣ ва нигоҳ доштани фазои устувори маънавӣ бо нишони сарисинагии «Диний бағрикенглик» сарфароз гардиданд.

Ба сухан баромадагон таъкид карданд, ки дар натиҷаи сиёсати пайгиронае, ки таҳти роҳбарии Президенти мамлакат дар соҳаи дин ва маърифат амалӣ мегардад, озодии виҷдон, ҳамдигарфаҳмии байни дин ва миллатҳо таъмин мешавад. Таъсис ва тақдими ин нишони сарисинагӣ низ ифодаи амалии таваҷҷуҳи хосса ба рушди соҳа мебошад.

***

Дирӯз дар Маркази тамаддуни исломӣ таҳти мавзӯи «Таҳаммулпазирии байнидинӣ» конфронси байналмилалии илмиву амалӣ доир гардид.

Дар конфронс баробари олимону мутахассисони пешбари кишварамон, намояндагони корпусҳои дипломатии як қатор давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ИМА, Шветсия, Арабистони Саудӣ, Русия, Қазоқистон, Олмон, Қирғизистон, Ҳиндустон, коршиносони маъруфи байналмилалӣ, олимони исломшинос, вакилони иттиҳодияҳои этникиву фарҳангӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, конфессияҳои динӣ ва марказҳои милливу фарҳангӣ, омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ иштирок карданд.

Дар оғози ҳамоиш таъкид гардид, ки чорабинии мазкур намояндагони давлат, дин ва фарҳангҳои гуногунро дар як минбари муколама муттаҳид намуда, ба таҳкими минбаъдаи тамоюлҳои таҳаммулпазирии байнидинӣ, ҳамбастагии байниэътиқодӣ, ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо, эҳтиром ва эътимоди мутақобила мусоидат намуд.

Иштирокдорон роҷеъ ба масъалаҳои мубрами рӯз, чун механизмҳои муосири таъмини таҳаммулпазирии динӣ, рушди муколамаи созанда байни дин ва конфессияҳои гуногун, таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳа мубодилаи афкор намуданд.

Инчунин, ба масъалаҳои ташаккули рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои диниву миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, тарбияи насли ҷавон дар заминаи ғояҳои таҳаммулпазирӣ, инсондӯстӣ ва ҳамбастагӣ, баланд бардоштани нақши таълим, илму фан ва маърифат дар таҳкими робитаҳои дӯстӣ байни намояндагони миллат ва динҳои гуногун диққати махсус дода шуд.

– Солҳои охир дар мамлакат ҷиҳати таъмини ҳамҷиҳатии байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии байнидинӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои намояндагони миллат ва конфессияҳои гуногуни динӣ, инчунин, ҳифзи арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва динии онҳо ислоҳоти густурда амалӣ гардид, – гуфт раиси Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ Қ.Сариев. – Бо як сухан, Ӯзбекистон дар ин самт таҷрибаи ба худ хосро роҳандозӣ намуд.

***

Имрӯз дар доираи ҳафта мулоқоти кушод таҳти шиори «Дар зери як парчам – Ватани ягона!», намоишгоҳи «Ӯзбекистон – кишвари фароҳдил», сӯҳбати гирди мизи мудаввар таҳти унвони «Таҳаммулпазирӣ: пояи ҳамҷиҳатии миллатҳо дар Ӯзбекистон» баргузор хоҳад шуд.

19 ноябр дар мавзӯи «Миллатҳои гуногун – ҳувияти ягонаи шаҳрвандӣ» бо иштироки ҷавонон анҷуман доир мегардад.

20 ноябр дар Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон баргузории намоишгоҳи китобҳои шоиру нависандагони халқҳои бародар ва шоми адабӣ таҳти унвони «Ӯзбекистон – кишвари таҳаммулпазир» пешбинӣ шудааст.

Илова бар ин, ҳамарӯза шомгоҳ дар павилони марказҳои милливу фарҳангӣ баргузории шоми санъат ва фарҳанги миллатҳои гуногун ва барномаи консертии «Оҳангҳои фарохдилӣ» (20 ноябр) дар назар аст.

Ёдовар мекунем, ки «Ҳафтаи таҳаммулпазирӣ» то 20 ноябр идома меёбад ва чорабиниҳое, ки дар доираи ҳафта баргузор мегарданд, албатта ба густариши муколамаи байни намояндагони миллат ва конфессияҳои гуногун, аз наздик шинос намудани ҷавонон бо гуногунрангии фарҳангии кишвар, инчунин, таҳкими эҳтироми мутақобилаву ҳамбастагӣ дар ҷомеа мусоидат хоҳанд кард.

Мухбири рӯзнома.

ҚӮҚАНД: ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДО

(Аввалаш дар саҳ.1).



– Қӯқанд шаҳри қадимӣ аст, аммо кадом сохторҳо ва биноҳои ҷолибтарине ҳастанд, ки ба назари Шумо ба зеboии ин шаҳр ҷаззобияти нав зам кардаанд?

– Пеш аз ҳама, ман мехоҳам минтақаи «Ӯзбекистони нав»-ро, ки намуди муосири Қӯқандро ташаккул медиҳад, қайд кунам. Ин минтақа, ки бо дастурҳои додашуда ҳангоми сафарҳои Президенти мо сохта мешавад, яке аз бузургтарин лоиҳаҳои сохтмонӣ дар шаҳри мост. Тибқи маълумоти расмӣ аз 27 апрели соли 2026, дар марҳилаи аввали лоиҳа 56 бинои даҳошёна бо 4394 хона ба истифода дода шуданд. Умуман, дар ин минтақае, ки барои 25 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст, сохтани 84 бинои бисёрошёна, мактабҳо, кӯдакистонҳо, муассисаи таҳсилоти олӣ, марказҳои тиҷоратӣ ва савдо ва боғҳои фароғатӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар ин ҷо, дар баробари манзил, муҳити зиндагии ҳамаҷониба ташаккул меёбад.



Биноҳои нави бисёрошёна, ки дар доираи барномаи таъмир сохта мешаванд, низ ба шаҳр намои зебо зам мекунанд.

Терминали нави майдони ҳавоии Қӯқанд низ яке аз иншооти муҳим буд. Дар доираи бозсозии он, терминали нав барои 100 мусофир сохта шуд, сатҳи парвоз таъмир гардид ва таҷҳизоти муосири аэронавигатсионӣ насб карда шуд. Дар натиҷа, фурудгоҳ тавонист ҳавопаймоҳои A320-200 ва ATR 72-600-ро қабул кунад. Ин заминаи муҳимро барои васеъ кардани имконоти нақлиётии шаҳри мо, рушди сайёҳӣ ва робитаҳои тиҷоратӣ фароҳам оварад.

– Ба фикри шумо, табдил шудан ба шаҳри ҳунармандони ҷаҳонӣ то чӣ андоза ба рушди минбаъдаи ҳунармандӣ дар Қӯқанд ва сокинони он мусоидат кардааст?

– Ин мақом, ки соли 2019 ба Қӯқанд дода шуд, эътирофи байналмилалии анъанаҳои чандинасраи ҳунармандии шаҳри мо гардид. Фестивали байналмилалии ҳунармандӣ ба майдоне барои ҳунармандони мо табдил ёфт, то маҳсулоти худро ба ҷаҳон муаррифӣ кунанд, таҷриба мубодила намоянд ва шарикони нав пайдо кунанд. Маълумоти расмӣ инчунин қайд мекунад, ки шумораи ҳунармандон ва марказҳои ҳунармандӣ ба шарофати фестивал афзоиш ёфтааст.

– Пӯшида нест, ки ин шаҳр аз ҷиҳати саноатӣ рушдёфтатарин шаҳри вилояти Фарғона аст. Лутфан, дар ин бора маълумоти бештар медодед.

– Дарҳақиқат, Қӯқанд яке аз марказҳои муҳими саноатии вилоят маҳсуб меёбад ва шумораи бештари корхонаҳои хурди саноатӣ дар он (беш аз 1500) ҷойгиранд. Аз ҷумла, 21,4 фоизи корхонаҳои хурди саноатии вилоят дар соҳаи саноати сабук, 22,3 фоизи корхонаҳои чарм ва пойафзол, 24,1 фоизи корхонаҳои истеҳсоли молҳои барқӣ ва маишӣ, 20,9 фоизи корхонаҳои дорусозӣ маҳз дар ин шаҳр фаъолият мекунанд.

Имкониятҳои истеҳсолӣ, муҳити тиҷоратӣ ва фаъолияти иқтисодии шаҳри моро низ дар натиҷаҳои нӯҳ моҳи аввали соли 2026 дидан мумкин аст. Аз ҷумла, суръати афзоиши истеҳсоли саноатӣ 108,7 фоизро ташкил дод. Бо назардошти он, ки ин нишондиҳанда дар минтақа ба 108,5 фоиз расид, афзоиши саноат дар Қӯқанд аз сатҳи минтақавӣ зиёдтар гардид.

Қобили зикр аст, ки ҳаҷми содирот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 68,8 фоиз афзоиш ёфтааст, яъне суръати афзоиш 168,8 фоизро ташкил додааст.

Вазифаи асосии мо истифодаи самараноки иқтидори саноатии мавҷуда, васеъ кардани истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашуда ва рақобатпазир мебошад.

– Омилҳои асосии ба рушди бахши сайёҳӣ мусоидаткунанда кадомҳоянд?

– Таҳияи масирҳои сайёҳӣ, ки ҷойҳои таърихиро мепайванданд, ташкили кӯчаҳои сайёҳӣ ва васеъ кардани имкониятҳои меҳмонхонаҳо ва хидматрасонӣ барои таблиғи минбаъдаи мероси ғании шаҳри мо ба ҷаҳон хидмат мекунанд. Лоиҳаҳои сайёҳии ҷорӣ дар ташаккули симои нави Қӯқанд нақши муҳим доранд.

Асоси сайёҳии шаҳрро таърихи ғанӣ, мероси меъморӣ, муҳити адабӣ, анъанаҳои ҳунармандӣ ва меҳмоннавозӣ ташкил медиҳанд. Ӯрдаи Худоёрхон, маҷмааи Ҷомеъ, мадраса ва маконҳои мероси адабӣ ба мо имкон медиҳанд, ки барномаҳои пурмазмуни сайёҳии хоси шаҳри худро таҳия кунем. Вазифаи мо пайваст кардани ин сарватҳо бо масирҳои қулай ва хидматрасонии босифат барои сайёҳон аст.

Барои ин мақсад, дар шаҳри мо таъсиси кӯчаҳои нави сайёҳӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, кӯчаи Қувасой дар маҳаллаи «Гузари Исфара», кӯчаи Амир Умархон дар маҳаллаи «Калвак» ва кӯчаи Ҳамза дар маҳаллаи «гузари Қаймоқлӣ» ба кӯчаҳои сайёҳӣ дар симои Қӯқанди қадим табдил дода шаванд. Дар ин кӯчаҳо таҳияи масирҳои сайёҳӣ, ҷойгир кардани маълумот дар бораи объектҳо, ташкили 10 аломати роҳ, се харитаи сайёҳӣ ва чор иншооти санитарӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар бораи иншооти хизматрасонӣ сухан ронда, илова метавон кард, ки пешниҳодҳо барои рушди коргоҳҳои ҳунармандӣ, меҳмонхонаҳо, муассисаҳои хӯрокворӣ ва дигар нуқтаҳои хизматрасонӣ бо иштироки сокинон ва соҳибкорон дар доираи лоиҳаи «Гузари Исфара» баррасӣ шуданд. Ҳадаф инчунин ҳифзи фазои беназири таърихии маҳалла тавассути ороиши намуди берунии хонаҳо бо усулҳои анъанавии андоваи лойин ва рангкунӣ мебошад. Ин ба сайёҳон имкон медиҳад, ки бо ҳаёти ҳаррӯза, ҳунармандӣ ва таомҳои миллии шаҳр шинос шаванд.

– Ҳангоми васеъ шудани шаҳр инфрасохторҳо низ бояд ба талаб ҷавоб дода тавонанд. Дуруст аст?

– Бале. Дар нӯҳ моҳи аввали соли ҷорӣ як қатор корҳо барои навсозии шабакаҳои оби нӯшокӣ ва канализатсионӣ анҷом пазируфт. Аз ҷумла, дар маҳаллаи Муқимӣ 800 метр шабакаҳои оби нӯшокӣ пурра таъмир гардид ва дар маҳаллаҳои Чодаклик ва Масҷиди Гиштлӣ 500 метр лӯлаҳои нав хобондем. Дар доираи барномаи «Буҷаи ташаббускор» дар маҳаллаи Тӯлабой 2,1 километр шабакаҳои канализатсионӣ кашида шуданд.

Дар тӯли дах соли охир дар доираи навсозии инфрасохтори таъминоти барқ 115 трансформатор насб гардид ва беш аз 200 километр хати нави барқ кашида шуд. Барои афзоиши иқтидори зеристгоҳҳо, як трансформатор дар зеристгоҳҳои «Хуҷанд» ва «Қӯқанд» ва ду трансформатор дар зеристгоҳҳои «Чархӣ» ва «Фурқат» насб карда шуд.

– Қӯқанд зодгоҳи нависанда ва драматурги бузург Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ аст. Вазъи кунунии хона-музейи ӯро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Мероси Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ дар ҳаёти адабӣ ва маънавии Қӯқанд нақши муҳим дорад. Тибқи маълумоти расмии Агентии мероси фарҳангӣ, хона-музейи Ҳамза дар Қӯқанд ба рӯйхати миллии объектҳои мероси фарҳангии моддӣ шомил карда шуда, бо қарори Девони Вазирон аз 12 майи соли 2026 таҳти ҳимояи давлат қарор гирифтааст. Дар осорхона шароити зарурӣ барои меҳмонон фароҳам оварда мешавад.

Дар баробари ҳифзи чунин ҷойҳо, инчунин баланд бардоштани арзиши таълимии онҳо зарур аст. Осорхона бояд як маркази пурҷӯшу хурӯши таълимӣ бошад, ки дар он ҷавонон тавонанд ҳаёт ва фаъолияти нависандаро аз наздик омӯзанд ва воҳуриҳои адабиву мулоқотҳои пурмазмун баргузор намоянд.

– Барои суҳбати пурмуҳтаво ташаккур.

Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ФАРҒОНА.

Дар корхонаи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Coals KS», ки ба истеҳсоли газоблок тахассус дошта, фаъолияташ дар шаҳри Нукуси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба роҳ монда шудааст, соле 300 ҳазор метри мукааб маводи сохтмон истеҳсол карда мешавад. Маҳсулоте, ки дар корхона дар пояи ашёи хоми маҳаллӣ омода мешаванд, барои бо маводи босифати сохтмон таъмин кардани бозори дохилӣ хидмат мекунанд. Ҳоло дар корхона 105 нафар машғул мебошанд, ки қисми асосии онҳоро ҷавонон ва ҳамдиёрони аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргашта ташкил медиҳанд. Ҷараёни истеҳсолот дар се баст ташкил шудааст. Онҳое, ки аз ҳудудҳои дурдаст меоянд, бо хобгоҳ ва хидмати нақлиёт таъмин карда шудаанд. Ба коргарон рӯзе се маҳал хӯрок пешниҳод мегардад.

Алҳол дар корхона рӯзе 700-800 метри мукааб газоблок истеҳсол карда мешавад.

***Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Coals KS»-и шаҳри Нукус.*

Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).



Минбари депутат

ДАҲСОЛАИ ОЯНДА – ДАВРАИ РУШДИ МИЛЛӢ ВА САРМОЯИ ИНСОНӢ

Дар таърих давраҳое ҳастанд, ки онҳо дар ҳаёти халқ ва давлат як марҳилаи муқаррарӣ боқӣ намонда, балки ба нуқтаи муҳими гардиш табдил ёфта, самти рушди ояндаро муайян мекунанд. Имрӯз Ӯзбекистон дар остонаи чунин марҳилаи масъулиятнок қарор дорад. Ислоҳоти фарогире, ки дар мамлакатамон амалӣ мегарданд, тағйироти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсати ба гиромидошти қадри инсон нигаронидашуда барои рушди минбаъдаи кишвар заминаи устувор фароҳам меоранд.

Дар табрикоти Сарвари давлат ба муносибати таҷлили 35-солагии истиқлоли мамлакат таъкид гардид, ки даҳсолаи оянда бояд давраи рушди миллӣ бошад. Барои расидан ба ин ҳадаф амалӣ намудани ҳафт барномаи миллӣ, ки ба боз ҳам баланд бардоштани қадру қимати инсон нигаронида шудаанд, чун вазифаи муҳим муайян гардид.

Дар байни ин барномаҳо барномаи якуми миллӣ, ки ба табдил додани дониш ва малака ба сармояи асосии рушди минбаъдаи кишвар равона шудааст, аҳамияти хосса дорад. Зеро, дар шароити рақобати ҷаҳонии имрӯза иқтидори кишвар на танҳо аз захираҳои иқтисодӣ, балки аз дониш, маҳорати касбӣ, неруи зеҳнӣ ва қобилияти навоварии аҳолии он низ вобаста аст.

Таваре ки Президенти мамлакат таъкид намуданд, то ба 100 фоиз расонидани фарогирии кӯдакон ба гурӯҳҳои омодагии шашсола, фаро гирифтани тамоми мактабҳо ба барномаҳои байналмилалии арзёбӣ ва қорӣ намудани стандартҳои байналмилалии таълим дар техникумҳо марҳилаи нави рушди низоми маорифро оғоз мебахшанд. Махсусан, нақшаи ба як миллион нафар расонидани фарогирии ҷавонон бо омӯзиши касбҳои сердаромад дар техникумҳо дар омода намудани мутахассисони соҳибихтисос, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд, қадами муҳим хоҳад буд.

Аҳамияти ин ташаббусҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо маорифро на танҳо ҳамчун раванди сабақдиҳӣ, балки ҳамчун омили стратегии муайянкунандаи ояндаи инсон, муваффақияти касбӣ ва рушди иқтисодии кишвар муаррифӣ мекунанд.

Имрӯз зеҳни сунъӣ, роботсозӣ ва технологияҳои рақамӣ бозори меҳнатро босуръат тағйир медиҳанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҷавонон на танҳо ба касбҳои имрӯз, балки ба ихтисосҳое низ омода карда шаванд, ки дар оянда талабот ба онҳо бештар хоҳад буд. Барои ин робитаи ногусастании таълими касбӣ бо истеҳсолот, рушди низоми таълими дуалӣ, васеъ намудани иштироки бахши хусусӣ ва дастгирии лоиҳаҳои стартапию инноватсионӣ аҳамияти калон доранд.

Ҳамзамон, имконияти гирифтани таҳсилоти босифат бояд новобаста аз маҳалли зист барои ҳамаи ҷавонон баробар бошад. Зеро истеъдод макони муайян надорад. Он дар ҳар як ноҳия, ҳар як маҳалла ва ҳар як оилаи мамлакат вуҷуд дорад. Вазифаи давлат аз муайян кардану рушд додани ин неру ва ба манфиати пешрафти ҷомеа равона намудани он иборат аст.

Дар ин раванд нақши омӯзгор беназир аст. Самараноки ҳар гуна ислоҳоти соҳаи маориф пеш аз ҳама ба дониш, малака ва шароити меҳнати омӯзгоре вобаста мебошад, ки онро амалӣ месозад. Аз ин рӯ, рушди касбии омӯзгорон, ҳифзи иҷтимоии онҳо ва баланд бардоштани мақому эътибори омӯзгор дар ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати соҳаи маориф боқӣ монад.

Сармояи инсониро танҳо бо дониш ва малакаи касбӣ маҳдуд кардан мумкин нест. Саломатӣ, устуворию чисмонию равонӣ ва шароити муносиби зиндагӣ низ ҷузъҳои ҷудонашавандаи он мебошанд. Аз ин нуқтаи назар, барномаи алоҳидаи миллие, ки дар табрикоти Президенти мамлакат ба ҳифзи саломатии аҳолӣ бахшида шудааст, шарти муҳими татбиқи имконияту неруи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Пешгирии бемориҳо, ташхиси барвақт, баланд бардоштани сифати хидматрасонии тиббии аввалия ва таъмини имкониятҳои баробар барои истифода аз хидматрасониҳои тиббӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосии ин самт мебошанд.

Ҳамзамон, ислоҳоти соҳаҳои маориф ва тандурустӣ бояд аз рӯйи натиҷаҳои мушаххас арзёбӣ шаванд. Гирифтани таҳсилоти босифат аз ҷониби ҳар як кӯдак, соҳибкасб шудани ҳар як ҷавон ва дастрасии ҳар як шаҳрванд ба хидматрасонии тиббии босифат бояд меъёрҳои асосии самаранокии ислоҳот бошанд.

Бовар дорам, ки дар сурати пайгирона амалӣ гардидани барномаи миллии ба табдил додани дониш ва малака ба сармояи асосии рушд нигаронидашуда, дар мамлакатамон барои татбиқи имкониятҳои инсонӣ боз ҳам шароити васеътар фароҳам оварда мешавад. Ин бошад, ба заминаи устувори рушди иқтисодӣ, некӯаҳволии иҷтимоӣ ва рақобатпазирии миллӣ табдил хоҳад ёфт. Зеро ояндаи бузургро на танҳо иқтисодиёти пуриқтидор, балки халқи донишманду солим, ташаббускор ва дорои неруи баланди зеҳнию эҷодӣ бунёд мекунад.

Гулдана АВЕЗДУРИЕВА,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.

ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА – ҲОМИИ ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ МЕҲНАТКАШОН



Дар ҷомеаи муосир масъалаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон, таъмин сохтани шароити муносиби меҳнат, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ ва дастгирӣ намудани оилаҳои ниёзманд аҳаммияти хоса пайдо кардааст. Дар ин раванд иттифоқҳои касаба ҳамчун ниҳоди муҳими иҷтимоӣ на танҳо ҳомии ҳуқуқии меҳнаткашон, балки шарики фаъоли давлат ва ҷомеа дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба шумор мераванд.

Дар вилояти Навоӣ низ ин самти фаъолият доимо дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад. Шӯрои вилоятии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон бо ҷалби ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳои саноатӣ ва дигар сохторҳои иҷтимоӣ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандон тадбирҳои мушаххас меандешад. Дар ин замина бо Назира ТАҒОЕВА, раиси Шӯрои вилоятии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон дар вилояти Навоӣ суҳбат оростем.

Назира Тағоева аз соли 2010 боз раиси он мебошад. Ӯ дорои 48 соли собиқаи меҳнатӣ буда, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ кор кардааст. Хидматҳояш бо нишони «Ehtirom nishoni»-и Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон (2018), бо медали «Шуҳрат» (2019) ва нишони сарисинагии «Муътабар аёл» (2022) қадр шудаанд.

– Назира Маманазаровна, иттифоқҳои касаба дар низоми муносибатҳои меҳнатӣ чӣ мавқеъ доранд?

– Пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки иттифоқҳои касаба аз ниҳодҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Ҳадафи асосии фаъолияти онҳо ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон аст. Зеро корманд дар ҳар як корхонаю муассиса на танҳо иҷрокунандаи вазифаи хидматӣ, балки неруи асосии пешбарандаи истеҳсолот ва рушди ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити муносиби меҳнат, риоя кардани талаботи қонунгузорӣ, таъмин намудани бехатарии меҳнат, саривақт пардохт кардани музди кор ва дастгирии иҷтимоии кормандон бояд ҳамеша дар маркази диққат бошанд.

Имрӯз дар шароити ислоҳоти фарогире, ки дар кишвари мо амалӣ мешаванд, масъулияти иттифоқҳои касаба низ афзудааст. Ҳимояи манфиатҳои кормандон бо суханҳои махдуд намешавад. Он, пеш аз ҳама, амалҳои мушаххас, ҳамкории доимӣ бо корфармоён, назорати риояи қонунгузории меҳнат ва саривақт ҳал кардани мушкилоти мавҷударо тақозо мекунад.

– Шӯрои вилоятӣ алҳол чӣ имкониятҳои ташкилию кадрӣ дорад?

– Айни замон дар шӯро 35 корманд кор мекунанд. Дар ҳудуди вилоят 1502 корхонаю ташкилот ба низоми иттифоқҳои касаба шомил буда, шумораи аъзои он ба 278 ҳазору 120 нафар расидааст.

Ин рақамҳо аз фарогирии васеи ҳаракати иттифоқҳои касаба ва масъулияти бузурги сохторҳои вай шаҳодат медиҳанд. Албатта, баробари афзудани миқдори аъзо масъулияти мо низ меафзояд. Ҳар як муроҷиати корманд ва ҳар як масъалаи марбут ба ҳуқуқи меҳнатӣ ва таъминоти иҷтимоии ӯ бояд бодиққат омӯхта шавад, то корманд дар зарурат иттифоқи касабаро такягоҳи боэътимоди ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ донад.

– Ҳифзи саломатӣ ва бехатарии меҳнат, ба хусус дар шароити коронавирус, чӣ гуна таъсир расонд? Оё ягон ҳодисаи ногувор ба назар мерасад?

– Дар ин самт кори мо бо ҳамкории наздик бо Раёсати Федератсияи иттифоқҳои касаба ва Раёсати Шӯрои вилоятии Федератсияи иттифоқҳои касаба дар ноҳияҳо ва шаҳрҳо ба роҳ монда шудааст. Мо на танҳо ба ҳолатҳои садамаҳои саноатӣ, балки ба ҳар як шикояти кормандон, ки ба саломатӣ ва бехатарии меҳнат алоқаманд аст, фавран вокуниш нишон медиҳем. Ҳамин тавр, дар ҳолатҳои садамаҳои саноатӣ ва ҳодисаҳои ногувор

РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ МАРЗНОШИНОСИ ДУ ХАЛҚ

Нависандаи маъруфи Уммон Ҷуҳо Алҳорисӣ барҳақ гуфтааст: «Мо ба болҳои парандаи нозуки ҳаёт чунон сахт часпидем, ки онҳо дар дастонамон об шуданд. Сипас хуни ҳамон парандаеро, ки худамон нобуд карда будем, нӯшида, ба худ: «Мо албатта идома медиҳем» гуфтем». Нависанда дар осори худ арзишҳои умумибашариро бозтоб медиҳад. Воқеан, то замоне, ки миллат шоиру нависандаи асил дорад, аз ояндаи он набояд нигарон шуд. Зеро аҳли эҷод на бо ғами худ, балки бо дарду ормонҳои миллат зиндагӣ мекунанд.



Аз ин ҷиҳат, Ҷуҳо Алҳорисӣ низ аз зумраи чунин адибони миллатдӯст аст. Соли 2019 бо ҷоизаи бонуфузи байналмилалии «Букер» сарфароз гардидани ӯро на танҳо пирӯзии нависанда, балки комёбии адабиёти Уммон гӯям, муболиға нахоҳад шуд.

Халқҳои Ӯзбекистон ва Уммонро на танҳо робитаҳои адабӣ, балки пайвандҳои ғании фарҳангӣ низ ба ҳам мепайванданд. Ҳар ду халқ дорои таҷрибаи хоси таърихӣ, мероси ғании маънавӣ ва анъанаҳои қадимаи фарҳангӣ мебошанд. Агар дар як тараф тамаддунҳои бостонии Осиёи Марказӣ, шаҳрҳои дар чорроҳаи Роҳи бузурги абрешим ташаккулёфта, мактабҳои мақомхонӣ ва достонсароӣ ҷой дошта бошанд, дар ҷониби дигар, мероси таърихии нимҷазираи Арабистон, анъанаҳои ғании эҷодиёти даҳонакии халқ ва ҷаҳони рангини ҳунару санъат қарор доранд. Фикр мекунам, ба ҳам омадани ин ду фазои фарҳангӣ, пеш аз ҳама, барои ҳамдигарфаҳмӣ, омӯзиш ва арҷгузории ҳамдигар имкониятҳои нав фароҳам меорад.

Имрӯз ҳамкории фарҳангии ду давлат дар асоси як қатор созишномаҳое, ки дар сатҳи ҳукуматҳо ба имзо расидаанд, пайваста рушд мекунад. Самти дигари муҳимми ин муносибатҳо дар доираи муколамаҳои байналмилалии фарҳангӣ низ равшан ба назар мерасад. Аз ҷумла, ҳамкорӣ дар доираи Созмони ҷаҳонии исломӣ оид ба маориф, илм ва фарҳанг (АЙСЕСКО) ба ҳамоҳангсозии бештари робитаҳои фарҳангии ду кишвар бо равандҳои фарогири байналмилалӣ мусоидат менамояд. Зеро арзишҳои умумибашарӣ, ҳифзи мероси таърихӣ ва эҳтиром ба гуногунрангии фарҳангӣ аз ҷумлаи арзишҳои муштараке мебошанд, ки халқҳоро ба ҳам наздик месозанд.

Чорабиниҳои байналмилалии фарҳангие, ки дар кишвари мо баргузор мегарданд, аз сатҳи муносиби робитаҳои мамлакатамон бо Шоҳигарии Уммон шаҳодат медиҳанд. Иштироки мунтазами намояндагони Уммон дар ҷашнвораҳои байналмилалии «Таронаҳои Шарқ», «Мақом» ва «Бахшӣ», ки дар кишварамон ба таври анъанавӣ баргузор мешаванд, инчунин дар ҳамоишҳои байналмилалии ҳунармандӣ қобили зикр аст. Ин чорабиниҳо танҳо майдони намоиши намунаҳои санъат нестанд. Тавассути онҳо тафаккури мусиқӣ, дидгоҳҳои эҷодӣ ва ҳувияти миллии халқҳои гуногун таҷассум меёбанд. Дар як саҳна садо додани оҳангу суруди кишварҳои мухталиф ва дар як намоишгоҳ ба ҳам омадани анъанаҳои гуногуни ҳунармандӣ бори дигар собит месозад, ки фарҳанг марзу сарҳад намешиносад.

Тавре хабар доред, 22 июни соли 2021 дар мулоқот бо Сафири Шоҳигарии Уммон дар кишвари мо масъалаҳои рушди муносибатҳои фарҳангии дуҷонибаро баррасӣ карда будем. Зимни вохӯрӣ вазъи кунунии ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат, дурнамои рушди он ва имкониятҳои нави густариши робитаҳо мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Аҳамияти чунин мулоқотҳо дар он аст, ки онҳо дар баробари таҳлили робитаҳои мавҷуда барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои минбаъда низ хидмат мекунанд.

Алҳол масъалаи имзо кардани Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг дар сатҳи ҳукуматҳои Ӯзбекистон ва Уммон баррасӣ мешавад. Моҳияти ин ташаббус, бешубҳа, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии мушаххас ва устувор барои рушди муносибатҳои фарҳангии ду кишвар мебошад. Дар лоиҳаи ҳуҷҷати мазкур самтҳои муҳиме, чун густариши чорабинӣ, барнома ва лоиҳаҳои муштараки фарҳангӣ, роҳандозии табодули иттилоот миёни кормандону мутахассисон, муассиса ва ташкилотҳои соҳа, инчунин тақвияти робитаҳои мустақим пешбинӣ шудаанд.

Бахусус, баргузории Рӯзҳои фарҳанги ду кишвар барои муаррифии урфу одат ва анъанаҳои миллии халқҳо ба ҳамдигар замина фароҳам меорад. Дар ин раванд нақши чорабиниҳои фарҳангӣ басо муҳим аст. Муаррифии санъат ва фарҳанги Ӯзбекистон ба мардуми Уммон ва аз наздик ошно кардани сокинони кишварамон бо мероси ғании фарҳангии Уммон, бешубҳа, пайвандҳои маънавии байни ду халқро мустаҳкам хоҳад кард.

Дар лоиҳаи Ёддошти тафоҳум ба ҳамкорӣ дар соҳаи китобдорӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст, ки ин бесабаб нест. Китоб ва дастхатҳои нодир аз ҷумлаи муҳимтарин сарчашмаҳои ҳифзкунандаи хотираи таърихии ҳар як миллат мебошанд. Нигоҳдорӣ, тармим ва муҳофизати онҳо, инчунин бо истифода аз технологияҳои муосир рақамӣ гардонидани ин сарватҳои маънавӣ аз шартҳои муҳимми ба наслҳои оянда расонидани мероси фарҳангӣ ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, роҳандозии табодули таҷриба ва иттилоот миёни китобхонаву муассисаҳои дахлдори ду кишвар аҳамияти бузург дорад.

Ҳамчун намунаи равшани робитаҳои фарҳангии Ӯзбекистон ва Уммон метавон Фестивали байналмилалии санъати бахширо ном бурд, ки 26-30 апрели соли 2025 дар шаҳри бостонӣ ва ҳамешаҷавони Хиваи вилояти Хоразм баргузор гардид. Иштироки гурӯҳи «Ал-Шаҳбо»-и Шоҳигарии Уммон дар ин ҷашнвора аз таваҷҷуҳи намояндагони ин кишвар ба чорабиниҳои бузурги фарҳангии кишвари мо шаҳодат медиҳад. Ин, дар навбати худ, бозгӯи муносибати дӯстона ва самимии Уммон ба кишварамон мебошад.

Ба андешаи ман, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг, пеш аз ҳама, раванди муҳими маънавиест, ки ба таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми мутақобилаи халқҳо мусоидат мекунад. Зеро устувории муносибатҳои байнидавлатӣ на танҳо бо санадҳои расмӣ ва мулоқотҳо, балки бо эҳсоси эътимод ва эҳтироми тарафайн дар қалби мардум низ муайян карда мешавад. Бигзор дӯстии халқҳои Ӯзбекистон ва Уммон, ки адабиёту санъаташон бо ҳам пайванди ногусастанӣ пайдо менамояд, ҷовидон бошад!

Озодбек НАЗАРБЕКОВ,
вазири фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон.



Бо мақсади фароҳам овардани майдони муколамаи мустақим миёни ҷавонон ва муассисаҳои бонуфузи таълимӣ, Агентии корҳои ҷавонон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои шарик ба мавсими тирамоҳии намоишгоҳи байналмилалии таълимии «Таълим ва касб» оғоз бахшид.

Намоишгоҳ дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Андиҷон ва Намангон баргузор гардида, ба хонандагон, довталабон ва волидон имкон медиҳад, ки бевосита бо намояндагони даҳҳо донишгоҳҳои пешрафтаи Ӯзбекистон ва кишварҳои ҷаҳон мулоқот намоянд. Ҳадафи асосии лоиҳаи «Таълим ва касб» мусоидат ба ҷавонон дар интихоби огоҳонаи касбу ихтисос ва самти таҳсили ояндаи онҳо мебошад.

Ин чорабинӣ, ки то 23 ноябр идома меёбад, дорои мақоми байналмилалӣ буда, дар он намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии Британияи Кабир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Русия, Қазоқистон, Туркия, Чин, Малайзия, Малта, Полша, Кипр ва як қатор кишварҳои дигар иштирок мекунанд.

Аксбардор: Ӯ. ҲАЙИТОВ (ӮзА).

Азиз Алиев дар шуъбаи неврологияи Иттиҳодияи тиббии шаҳри Кӯқанд ба ҳайси пизишк-невролог ифои вазифа менамояд. Дар арафаи Рӯзи кормандони соҳаи тиб бо фармони Президент ӯ бо ордени «Фидокорона хизматлари учун» сарфароз гардидонида шуд. Мухбирамон бо Азиз Алиев – неврологи дараҷаи олӣ ҳамсуҳбат шуд ва бо чанд суол ба вай муроҷиат кард.



САДОҚАТ БА КАСБУ КОР НАТИҶАИ ХУБ МЕДИҲАД

– Қабл аз ҳама, бароятон мукофоти давлатӣ мубораку хуҷаста бод!

– Ташаккур, саломат бошед!

– Дар шарҳи ҳоли шумо омадааст, ки дар оилаи пизишк ва ҳуқуқшинос ба дунё омадаед. Аммо маҳз аз пайи касби падар рафтед. Чаро?

– Ман зодаи шаҳри Кӯқанд ҳастам. Падарам Абдуллоҷон Алиев як умр дар ин шаҳр барои барқарор намудани саломатии одамон заҳмат кашидаанд ва хидмати бисёрсолаашонро давлат бо унвони «Духтури шоистаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» сазовор донистааст. Модарам Раҳимахон Хоҷаева баъди хатми донишгоҳ дар риштаи ҳуқуқшиносӣ фаъолият кардаанд. (Худо ҳардуро раҳмату мағфират кунад). Пас аз хатми мактаби миёна бо қарори қатъӣ ба Донишкадаи давлатии тиббии Андиҷон ҳуҷҷатҳоямро супурдам. Ин донишкадаро хатм намуда, аз ҳамон вақт инҷониб дар беморхонаи марказии шаҳри Кӯқанд ҳамчун невролог кор мекунам.

– Ҳамсаратон низ духтур ҳастанд?

– Бале. Модари чаҳор фарзанд – Фаридахон мисли ман дар пайи барқарор намудани саломатии сокинони шаҳр ва ноҳияҳои атрофи он машғул шудаанд. Писарбузургамон Улуғбек низ соҳаи ману модарашро интихоб кардааст. Духтарамон Нодирахон соҳибкор аст, Ҷамшед дар бонк кор мекунад ва писари хурдиамон Темурхон бошад, дар як ширкат ҳамчун ҳуқуқшинос фаъолият менамояд. Ҳоло ману Фаридахон 13 набераву абера дорем.

Дар баробари кори асосиам роҳбарии корхонаи муштараки «Медикор»-ро низ бар ӯҳда дорам. Дар ин корхона се пизишк аз Ветнам бо истифода аз акупунктура ва усулҳои мардумии кишвари худ беморонро табобат мекарданд. Ман низ дар ин ҷо усулҳои акупунктура ва терапияи дастиро омӯхтам ва то имрӯз аз онҳо фаровон истифода мекунам.

– Бе пир марав дар амонӣ, Ҳарчанд Сикандари замонӣ, – гуфтаанд гузаштагон. Шумо кайҳо боз устоди кори худ ҳастед, аммо метавонед аз устодони худ ёдовар шавед, ки дар камолоти шумо нақши муҳим бозидаанд?

– Бе чуну чаро. Мехоҳам хидматҳои устодонам Моисей Беллдер ва Ишок Эренбургро алоҳида зикр кунам. Онҳо барои он ки шогирдонашон асосҳои илми тибро ба таври зарурӣ омӯзанд, хеле талош мекарданд. Ҳамеша мегуфтанд, ки вақтро ғанимат донем, зеро табиб ҳақ надорад ба хатое роҳ диҳад ва ба умри бемор зомин шавад.

– Ҳоло шогирдон дар атрофи шумо ҷамъ омада, таҷрибаи кориатонро маҳаки асосӣ дар ин роҳ қарор додаанд. Ҳамту не?

– Дуруст мегӯед. То ин замон даҳҳо нафар баъди такмили касб дар шифохонаҳову клиникаҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят машғули кор ҳастанд. Дар ҳамин ҳол Д.Ҷалилова, Ю. Тошхоҷаев, М. Холматова, С. Маликова, А. Тоҷиев ва як идда шифокорони ҷавони дигар баҳри омӯзиши тарзу усулҳое, ки солҳои дароз дар роҳи барқарории саломатии беморон корбаст мекунам, саъйю ҳаракат мекунанд. Бовар дорам, ки ин талошҳои онҳо ҳатман самараи нек хоҳанд дод.

– Дар айни ҳол шароити корро чӣ гуна арзёбӣ мекунед? Яъне барои шахсе, ки 54-соли умри худро ба соҳаи тандурустӣ бахшидааст, дарки дастовардҳои технологӣ ва босуръат тараққӣ кардани замон мушкил эҷод намекунад?

– Баръакс, барои осон анҷом додани муоинаву муоличаи беморон ин дастовардҳо басо мусоидат менамоянд. Гап дар сари синну сол нест, балки талошу кӯшиши худи шахс мушкилиҳоро бартараф месозад. Гузашта аз ин, одам бояд бо замона ҳамеша ҳамқадам бошад, такмили касбу кор намояд, пеш равад, омӯзаду омӯзонад. Дар робита бо таъминоти соҳаи тандурустӣ бошад, бо шукргузорӣ гуфта метавонам, ки ҳоло дастгоҳҳои муосир зери истифодаи мо қарор доранд, ки дар гузашта дастрас намудани он хобу хаёлро мемонд. Беморхонаи мо бо якчанд дастгоҳ, аз қабили лор-комбайн, ЭЭГ-электроэнсефалография муҷаҳҳаз гардидааст, ки як усули ғайриинвазивӣ барои омӯзиши ҳолати функсионалии мағзи сар тавассути сабти фаъолияти биоэлектрикиро анҷом медиҳад.

– Ба ғайр аз ордени «Барои хидматҳои фидокорона» боз бо кадом мукофотҳои дигар меҳнати шумо қадрдонӣ шудааст?

– Соли 1990 сазовори нишони сарисинагии «Аълочии хидмати тандурустӣ» гардидам. Соли 2018 Вазорати тандурустӣ бори дуввум маро бо ин нишон сарфароз намуд. Дар ҷашну маросимҳо ва санаҳои гуногун боз соҳиби чанд нишону ташаккурнома ва туҳфаҳои қиматбаҳо шудам, ки боиси ифтихор мебошад. Гузашта аз ин, таҷрибаамро дар байни шифокорони вилоят оммавӣ карданд. Дар чандин анҷумани ҷумҳуриявию минтақавӣ бо маърӯзаҳо ширкат варзидам ва роҷеъ ба беҳбуди табобати асабу мағзи сар пешниҳодҳоямро ироа намудам.

– Президенти мамлакат таъсиси Мукофоти давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Синоро хеле ба мақсад мувофиқ мешуморад. Назари шуморо мухтасар донистан мехостам.

– Ин пешниҳоди Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев хеле саривақтӣ буда, аз ҳар ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад. Зеро ба ин мукофот ҳамон кормандони соҳаи тандурустӣ лоиқу сазовор дониста хоҳанд шуд, ки дар ҳақиқат пайравони Абӯалӣ Сино – ин шахсияти бузург мебошанд.

– Барои суҳбати самимӣ ибрози ташаккур мекунам.

– Саломату муваффақ бошед!

Суҳбаторо
Мирасрор АҲРОРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

Қарор ва иҷро

Дар асоси Қарори Президент аз 20-уми июли соли 2023 «Дар бораи чораҳои бунёди маркази муосири тиҷоратӣ ва маҷмааи истиқоматии «Ширин» дар шаҳри Самарқанд» дар соҳили руди хушҳавои Зарафшон шаҳраки нави Ширин ҳамчун маркази маъмурии вилояти Самарқанд бунёд мегардад. Айни замон корҳои сохтмони маҷмаа дар авҷ аст.

ШИРИН – БА МАРКАЗИ ВИЛОЯТ ТАБДИЛ МЕЁБАД

Барои татбиқи қарор аз ҳисоби ноҳияи Оқдарё 665 гектар замин ҷудо карда шудааст, ки аз он 19 гектар барои 97 бинои маъмурӣ аст. Маҷмааи нав барои 150 ҳазор нафар пешбинӣ шуда, дар он 250 бинои истиқоматии бисёрқабата, 50 иншооти истироҳативу табобатӣ, мактабу кӯдакистон, истгоҳҳои ёрии таъҷилӣ, осорхонаи санъату ҳунар, маркази ҷавонон, растаҳои савдо, бозор, гулгашту хиёбонҳо ва ғайра бунёд хоҳанд шуд.

Тавре мутахассиси калони роҳбарияти маҷмааи сохтмон Рустам Саломов иттилоъ дод, барои бунёди сохтмони гуногун муҳандисон ва мутахассисон аз Ҷопон, Чин, Русия ва дигар кишварҳои ҷаҳон ширкат меварзанд.

Барои таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт, велосипедронҳо ва пиёдагардон 112 километр роҳи нави замонавӣ ва ду пул аз болои дарёи Зарафшон сохта мешавад.

Пули пайвасткунандаи шаҳри Самарқанд бо маҷмааи Ширин 780 метр дарозӣ, 28 метр паҳно ва роҳҳои пиёдагард дошта, шабона равшан хоҳанд шуд.

Тибқи нақша сохтмони маҷмаа то соли 2030 идома хоҳад ёфт.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Машъалони маориф

ФИДОИИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Ноҳияи Сӯх маскани машъалафрӯзони соҳаи таълиму тарбия аст, ки бо меҳнату заҳмати содиқонаи худ роҳи насли наврасро равшан месозанд. Яке аз чунин фидоиёни маориф, сарвари мактаби рақами 24-уми ноҳия Авазҷон Олимов мебошад. Вай баъди хатми мактаби деҳааш, ки номи устод Рӯдакиро дошт, ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи физика ва фанҳои умумитехникии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Хуҷанд супурд. Аз устодони донишманди донишгоҳ асрори фанҳои дақиқро омӯхта, соли 1989 таҳсилро бо муваффақият ба итмом расонд.

Фаъолияти меҳнатии худро ӯ дар мактаби зодгоҳаш оғоз намуд. Давоми даҳ сол ҳамчун омӯзгори фанни физика ба донишомӯзон дарс гуфта, бо дониши қавии худ таваҷҷуҳи ҳамагонро ҷалб кард. Шогирдони ӯ дар озмунҳои фаннии ноҳиявӣ пайваста дастболо шуда, номи мактабро машҳур гардониданд. Шуъбаи таълими халқи ноҳия заҳмат, маҳорат ва қобилияти ташкилотчигии ӯро ба назар гирифта, соли 1999 ҷонишини директор оид ба корҳои маънавию маърифатии мактаби рақами 19 таъин намуд.

Агар Авазҷон асрори таълимро аз омӯзгори соҳибтаҷриба ва устоди аввалинаш Савриддин Сафаров омӯхта бошад, дар ташкилу гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ аз таҷриба ва раҳнамоии омӯзгори варзида Ортиқбой Бекназаров баҳравар гаштааст. Дар натиҷаи маслиҳату машварати устодон, сифати корҳои тарбиявию маънавӣ боло рафт ва ин мактаб низ ба қатори муассисаҳои пешқадам дохил шуд.

Вақте ки дар деҳа бинои нави мактаби рақами 24 бунёд ёфт, Авазҷон Олимовро барои идомаи фаъолият ба ин муассиса даъват карданд. Аз соли 2008 то 2014 ӯ дар ин мактаб ҳамчун ҷонишини директор оид ба корҳои маънавию маърифатӣ фаъолият намуд. Аз соли 2014 инҷониб роҳбарии мактаби мазкурро ба ӯҳда дорад.

Сарварии мактаб масъулияти калонро талаб мекунад. Дар ин ҷода ӯ аз Асроралӣ Зокиров ва Икромалӣ Қодиров, ки солҳои зиёд роҳбари мактаб буданд, таҷрибаҳои гаронбаҳо омӯхт. Дастгирии устодон ба пешравии кори таълиму тарбия ва аҳливу тифоқии ҷомеаи педагогӣ кумаки зиёд расонд.

Зери роҳбарии ӯ сифат ва самаранокии таълим ба таври назаррас боло рафта, мактаб ба қатори даҳ муассисаи беҳтарини ноҳия дохил шуд. Шогирдони дабистон дар озмунҳои фаннӣ, варзишӣ ва ҳарбӣ-ватанпарварӣ на танҳо дар ноҳия, балки дар миқёси вилоят ҳам комёбиҳои назаррас ба даст оварданд.

Заминаи моддию техникии мактаб низ бой гардид. Синфхонаҳо бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз шуда, низоми гармидиҳии бино пурра азнавсозӣ ва таъмир ёфт. Инчунин, дар ҳудуди мактаб бо саъю кӯшиши ӯ ва аҳли ҷамоаи педагогӣ боғи зебое бунёд гардид.

Аҳли ҷамоаи мактаб дар лоиҳаи ташаббускории «Open budget» ғолиб омаданд ва сохтмони майдончаи болопӯшидаи мини-футболи замонавӣ дар муддати 120 рӯз ба анҷом расид. Барои бунёди ин иншоот 144 миллиону 191 ҳазор сӯм маблағ сарф гардид. Бунёди чунин марказҳои варзишӣ яке аз самтҳои муҳими рушди иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, имкон медиҳад, ки насли наврас чолоку чаққон ва солиму бардам ба воя расад.

А. Олимов дар ҳар кору амал бо ҷонишинҳояш Абдуллоев, Халилов ва омӯзгорони собиқадору фахрии соҳа ҳамеша дар робита мебошад. Ӯ дар зиндагӣ ба мақоли халқии «Ёр, ки аҳл аст, кор саҳл аст» амал мекунад ва маҳз ҳамин ҳамдилӣ омили муваффақияти ӯ дар тамоми соҳаҳост.

Ба муносибати ҷашни Истиқлолияти давлатӣ Авазҷон Олимов барои саҳми арзандааш дар соҳаи маориф бо нишони сарисинагии давлатии «Мустақилликнинг 35 йиллиги» сарфароз гардонида шудааст.

Ҳарчанд ӯ ба синни нафақа расидааст, аҳли ҷамоа нахостанд, ки тарки фаъолият кунад. Ҳоло ки ӯ дорои имкониятҳои васеи ҷисмонию маънавӣ дорад, метавонад мушкилоти зиёди ин даргоҳи муқаддасро ҳаллу фасл намояд.

Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ.
Вилояти ФАРҒОНА.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 2033. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.